«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ
Рӯдакии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон
__________ Шарифзода Ф.Х.
«__» ____________ соли 2024

## Хулосаи
## шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба анҷом расидааст.

Буриева Шаҳноза Бекмуратовна соли 2011 факултети романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира ДБЗХ ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забони фаронсавӣ, соли 2015 шуъбаи магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро хатм карда, аз соли 2016 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии

забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода Матробиён Саодатшо мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар суратҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ аз 25.10.2017, №11 тасдиқ гардидааст.

**Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ:**
Таърих ва фалсафаи илм (аз 08.06.2017, Протоколи №19) баҳои "хуб", забони русӣ (аз 21.06.2017, Протоколи №19) баҳои "хуб", забони англисӣ (аз 04.06.2019, Протоколи №28) баҳои "хуб" ва имтиҳон аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 забони тоҷикӣ аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (аз 05.11.2021, Протоколи №848/21) баҳои "хуб", шаҳодатнома аз 20.06.2024, №1208 аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** маводи фарҳанги "Бурҳони қотеъ" ташкил медиҳад. Ҷиҳати таҳлил ва муқоиса аз "Фарҳанги забони тоҷикӣ", "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ва дигар фарҳангҳои давраҳои гуногун ба монанди "Тухфат-ул-аҳбоб"-и Ҳофизи Убаҳӣ, "Ғиёс-ул-луғот"-и Ғиёсуддин Муҳаммад, "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ"-и Рашидӣ ва ғ. истифода бурда шудаанд.

**Навовариҳои илмии пажуҳиш** дар он инъикос меёбад, ки бори нахуст вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси моддаҳои луғавии фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" аз назари этнолингвистӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, бори нахуст тавассути таҳлили этнолингвистии моддаҳои луғавӣ муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгори ниёгон ва урфу одату фарҳанги онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳамчунин, таҳлили маъноии вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар муқоиса бо замони муосир ва мавриди корбурд қарор гирифтани онҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бори нахуст ба роҳ монда шуда, андешаҳо ва нуктаҳои илмӣ иброз гаштаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Моддаҳои луғавии фарҳангномаҳо яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқоти этнолингвистика маҳсуб шуда, дараҷаи баланди тафсири хусусиятҳои фарҳангӣ мебошад ва дар онҳо ташаккули таърихӣ ва инкишофи ҳар халқу миллат инъикос ёфта, метавонад ҳамчун манбаи муҳим барои муаррифӣ ва омӯзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни мардуми эронитабор хизмат намояд.

2. Вожагони марбут ба ҳунарҳои мардумӣ, ки дар фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" дарҷ ёфтаанд, инъикоскунандаи ҳаёту рӯзгор, урфу одат, фарҳанги миллии гузаштагони мардуми тоҷик мебошанд.

3. Миқдори калимаю истилоҳоти марбут ба ҳунарҳои мардумӣ, ки дар луғати "Бурҳони қотеъ" ба кор рафтаанд, равобити мардуми тоҷикро бо дигар халқҳо бозтоб медиҳад.

4. Вожагони ҳунарҳои мардумӣ дар «Бурҳони қотеъ» ҷойгоҳи махсус дорад.

5. Хусусиятҳои этнолингвистии воҳидҳои луғавии вожагони марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ ва ресандагӣ дар робита ба рӯзгори мардум таҳлил шуда, вожаҳои қадимии забони тоҷикӣ дар фарҳангномаи мазкур ошкор гардиданд, ки ба гардиш даровардани онҳо дар забони муосири тоҷикӣ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

6. Вожагони ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси равишҳои илми забоншиносӣ ба гурӯҳҳо тасниф шудаанд. Вобаста ба таснифот вожагони ҳунарҳои мазкур дар фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" ба таври зер гурӯҳбандӣ мешаванд: вожаҳои ифодакунандаи номи касбу ҳунар; вожаҳои ифодакунандаи масолеҳи ҳунар; вожаҳои ифодакунандаи абзори ҳунар; вожаҳои ифодакунандаи маводи тайёри ҳунар.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон

гардидани солҳои 2019-2021", ки яке аз самтҳояш омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва эҳё намудани анъанаҳои миллии Тоҷикистон аст, сурат гирифта, дар навбати худ **ба самтҳои афзалиятноки илм** робитаи бевосита дорад. Илова бар ин, дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии вожашиносӣ, луғатнигорӣ, шевашиносӣ, номшиносӣ ва баррасии масъалаҳои этнолингвистӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо маводи фаровон дода метавонад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия ба сурати мақолаҳо нашр ва ба Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ дастрас гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои илмию амалии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дар дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №6 аз 23-юми июни соли 2023) баррасӣ шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Бунёди назарии диссертатсияро асарҳои илмию назарии олимони забоншинос, ки дар самтҳои забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика), луғатшиносӣ, луғатнигорӣ ва шевашиносӣ таҳқиқоти боарзиш анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Хусусан, доир ба

масоили этнолингвистии лексика дар забоншиносии тоҷик ба назарияҳои муҳаққиқон Ш. Рустамов, С. Назарзода, М. Аламшоев, О.О. Маҳмадҷонов, С. Раҳматуллозода, О. Қосимов, С. Матробиён, Х. Кабиров, А. Мирбобоев, Ш. Некӯшоева, М. Броимшоева, М. Бобомуродова ва дигарон такя шудааст. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти мазкур ба андешаҳои олимони тоҷик Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев, Т. Мақсудов, М. Эшниёзов, М. Маҳмудов, Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, Р. Сангинова, Г. Абдуллоева, И. Сулаймонов ва дигарон низ таваҷҷуҳ зоҳир шуд.

Асоси назариявии рисоларо, инчунин, асару мақолаҳои олимони маъруфи аврупоӣ ва рус В. фон Ҳумболдт, Г.Э. Сепир, Б. Уорф, Ф.И. Буслаев, А.А. Минаев, А.А. Потебня, В.А. Звингенцев, В.М. Алпатов, Н.И. Толстой, С.М. Толстая, В.Н. Топоров, Л.Н. Виноградова, А.В. Гур, Б. Серебренников, А.Ф. Журавлев, Вяч. Вс. Иванов, М.М. Копиленко, А.С. Герд, Е.В. Перехвалская, А.А. Плотникова, З.Д. Попова, И.А. Стернин ва дигарон ташкил медиҳанд, ки доир ба масъалаҳои назариявии этнолингвистика маълумот додаанд.

Инчунин, ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ аз асарҳои таҳқиқотии марбут ба луғатнигорӣ ва вожашиносӣ, аз қабили таҳқиқоти А. Капранов, Ҳ. Рауфов, А. Сангинов, М. Солиева, С. Усмонова, Г.В. Набиева, Ҳ. Маҷидов, Ҳ. Талбакова, А. Нуров, А. Мамадназаров ва дигарон истифода гардид.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он инъикос мегардад, ки маводи диссертатсия, пеш аз ҳама, барои омӯхтани хусусиятҳои этнолингвистии моддаҳои луғавии марбут ба лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Инчунин, маводи ҷамъоварда ва таҳқиқшудаи мансуб ба лексикаи ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро дар забони тоҷикӣ, ки имрӯз торафт ривоҷ ёфта истодааст, метавон дар баррасии таҳқиқоти илмӣ истифода намуд, ки хазинаи вожагони соҳавиро ғанӣ мегардонад.

Дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии вожашиносӣ, луғатнигорӣ, шевашиносӣ, номшиносӣ ва баррасии масъалаҳои этнолингвистӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо маводи фаровон дода метавонад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) **мутобиқат** мекунад.

**Мубрамии хоси кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки** диссератсия ба таҳқиқи вижагиҳои этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ дар асоси маводи фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки масъалаи этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ») бори нахуст дар шакли диссертатсияи илмӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шуда, доир ба этнолингвистии вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ таҳқиқоти амиқу дурустро нишон додааст. Ҷамъоварии мавод, навиштани мақолаҳо оид ба мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо оид ба мавзуи диссертатсия фаъолияти амалии рисоланавис доир ба кори диссертатсионӣ мебошад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур** муайян кардани мафҳуму маънои вожагони ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи "Бурҳони қотеъ" бо баррасии хусусиятҳои этнолингвистии онҳо мебошад. Ҷиҳати баррасии

ҳадафҳои муҳимтарини таҳқиқот ҳалли масъалаҳои зерин ҳамчун **вазифаҳои асосии диссертастсия** пазируфта шудааст:

- таснифоти мавзуии моддаҳои луғавии марбут ба соҳаи ҳунармандӣ ва вижагиҳои ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар "Бурҳони қотеъ";

- таҳқиқи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои этнолингвистии вожаҳои марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси маводи "Бурҳони қотеъ";

- муайян намудани мафҳум ва мавқеи вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар таҷассуми ҳаёту рӯзгори гузаштагон;

- муайян намудани вазифаҳои лексикӣ ва роҳҳои истифодаи вожаҳои марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар забони тоҷикӣ;

- таҳлили хусусиятҳои маъноии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ;

- муайян намудани манбаи пайдоиш ва ташаккули калимаҳои синонимӣ, антонимӣ, омонимӣ ва калимаҳои сермаъно дар соҳаи ҳунармандӣ;

- муайян ва баррасии гурӯҳи вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва дигар забонҳо дар соҳаи ҳунармандӣ дар асоси маводи "Бурҳони қотеъ";

- таҳлил ва баррасии нақши вожаҳои ҳунарҳои мардумӣ дар забони муосири тоҷикӣ, ки дар "Бурҳони қотеъ" истифода шудаанд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна ҳамагӣ дар 10 мақола баён гаштааст, ки аз он ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷаллаю маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр шудаанд ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқ мебошанд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

1. **Буриева Ш. Б.** Инъикоси истилоҳоти бофандагӣ дар "Бурҳони қотеъ" / Б. Ш. Буриева // Ахбори Академия, серияи филологӣ. –Душанбе: Дониш, 2019.– № 2 (256). – С. 226-229.

2. **Буриева Ш. Б.** Тафсири истилоҳоти дӯзандагӣ дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» / Б. Ш. Буриева // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019, №3. - С. 83-94.

3. **Буриева Ш. Б.** Лексикаи пазандагӣ дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» / Б. Ш. Буриева // Ахбори Академия, серияи филологӣ. –Душанбе: Дониш, 2019.– № 3 (256). – С. 181-186.

4. **Буриева Ш. Б.** Тобишҳои услубию маъноии вожаҳои марбут ба ҳунармандӣ бар мабнои фарҳанги "Бурҳони қотеъ" / Б. Ш. Буриева // Паёми Донишкадаи забонҳо (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020, №4 (40) - С. 76-83.

5. **Матробиён С. Қ., Буриева Ш. Б.** Вижагиҳои этнолингвистии моддаҳои луғавии лексикаи бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагӣ дар фарҳанги "Бурҳони қотеъ" / Қ. С. Матробиён// Б. Ш. Буриева // Ахбори Академия, серияи филологӣ. – Душанбе, 2024.– № 3 (256). – С. 95-101.

**2) Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар маҷмуаҳои илмӣ:**

6. **Буриева Ш.Б.** Сиёсати давлатӣ оид ба забон дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ш. Буриева // Забоншиносӣ. Маҷаллаи "Масъалаи илмҳои гуманитарӣ". – Хоруғ, 2020. – №3. – С. 73-82.

7. **Буриева Ш.Б.** Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рукни тамаддунсози миллат / Б.Ш. Буриева // маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Тоҷнома" – суботи сиёсӣ-фарҳангӣ ва ваҳдати миллӣ. – Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2021. – С. 252-259.

8. **Буриева Ш.Б.** Муаррификунандаи забону фарҳанги миллати тоҷик / Б.Ш. Буриева // маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ

таҳти унвони “Пешвои миллат ва рушди забони давлатӣ”. – Душанбе, ҶДММ “Истиқлол – 2019”, 2022. – 362 с.

9. **Матробиён С.Қ., Буриева Ш.Б.** Лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар асоси фарҳанги “Бурҳони қотеъ” ва рушди он дар замони муосир / С.Қ. Матробиён, Б.Ш. Буриева // маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони “Забон дорӣ, ҷаҳон дорӣ”. – Хуҷанд, 2023. – С. 288-298.

10. **Буриева Ш.Б.** Манобеи ташаккули лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар фарҳанги “Бурҳони қотеъ” / Б.Ш. Буриева // маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони “Нақши Пешвои миллат дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва таъсири он дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ”. – Душанбе: ҶДММ “Аршам”, 2024. – С. 53-62.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмуъ 208 саҳифа (188 саҳифа матни рисола)-ро дар бар мегирад.

**Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №6 аз 23.06.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовнаро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, хусусан самти забоншиносӣ иртиботи қавӣ дошта, ба талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ҷараёни маҷлис аз тарафи профессорон Назарзода Сайфиддин, Раҳматуллозода Сахидод ва номзади имлҳои филологӣ Тӯраев Баҳриддин, Мирзоев Сайфиддин, Шарифова Гулҷаҳон саволҳо

пешниҳод гардид. Унвонҷӯ Буриева Шаҳноза Бекмуратовна ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар баррасӣ олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ Мирзоев С. – н.и.ф. (мудири шуъба), Назарзода С. – д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, Раҳматуллозода С. – д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, Муҳаммадҷонзода О. – д.и.ф. (даъватшуда), Холназарова З. – н.и.ф., Тураев Б. – н.и.ф., Шарифова Г. – н.и.ф., Қодирова С. – н.и.ф., Бобохонов Б. – х.к.и., Каримов С. – х.к.и., Раҳмонзода Н. – х.х.и., Мискинов И. – х.х.и., Мамадаминова З. – х.х.и. ва дигарон иштирок доштанд.

Маҷлиси шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Пешниҳоди профессорон ва дотсентони кафедра доир ба ислоҳи камбудиҳои дар рисола ҷойдошта ба эътибор гирифта шавад ва он саривақт ислоҳ шуда, ба рисола ворид карда шавад.

2. Рисолаи унвонҷӯ Буриева Ш.Б. "Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ") аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, барои баррасӣ ба сексияи Шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардад.

3. Аз Шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори мазкурро ба эътибор гирад, ки диссертатсияи унвонҷӯ Буриева Ш.Б. "Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ") кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мутобиқат дорад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки устодони шуъбаи мазкур қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 14 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи №6, аз 23-юми июни соли 2023.

**Мудири шуъбаи забони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология:** **Мирзоев С.**

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 21 .**
**Тел.: +992 (37) 2213202**
**Тел.: +992 (37) 2217030**
**E-mail: iza.rudaki@gmail.ru**

**Котиби ҷаласа:** **Шарифова Г.**

**«Имзоҳои С. Мирзоев ва Г. Шарифоваро тасдиқ мекунам».**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ:** **Наврӯзқулова Ҳ.**

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 21 .**
**Тел.: +992 (37) 2213202**
**Тел.: +992 (37) 2217030**
**E-mail: iza.rudaki@gmail.ru**